**Такризи роҳбари илмӣ,**

доктори илмҳои филология Мухторов Зайнидин Мухторович ба диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторивӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.

Мусаллам аст, ки дар забоншиносии муосир масоили мубрами марбут ба истилоҳоти технологияи муосир ва махсусан оид ба омӯзиши истилоҳоти интернетӣ аз масоили таҳқиқталаби забоншиносии муосир ба шумор меравад, ки имрӯзҳо забони инсон дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ қарор гирифта, зарурати омӯзиши забон дар робита бо таҷҳизоти электронӣ ба таври рӯзафзун боло меравад. Дар баробари ин бо пайдо шудани истилоҳоти нав дар раванди муошират интернетӣ ва омӯзиши илмҳои техникӣ ва гуманитарӣ тариқи Интернет, муҳаққиқони забоншинос бар он мутаваҷҷеҳ шудаанд, ки истилоҳоти интернетӣ ҳамчун гурӯҳи махсуси ввожагони касбӣ бо тамоми хусусиятҳояшон ба таври бояду шояд омӯхта шаванд.

Аз ин лиҳоз диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторивӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 - забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст, аз масъалаҳои мубрам ва айнизамонии забоншииносии муосир ба шумор меравад.

Ҳадафи асосии таҳияи диссертатсияи мазкур ба таври бояду шояд аз нигоҳи забоншиносии муосир баррасии илмии раванди ташаккули низоми истилоҳоти интернетӣ дар муқоисаи маводи забонҳои тоҷикиву англисӣ ва мушаххас намудани заминаҳои назарии забоншиносии интернетӣ дар забонҳои мавриди таҳқиқ дониста мешавад. Дар баробари ин ҳадафи таҳқиқот муайян намудани вижагиҳои сохтории истилоҳоти интернетӣ, таҳқиқи истилоҳот аз рӯи таркиби сохторӣ бо назардошти навъу намуд муаррифӣ мешавад. Ҷанбаи дигари ҳадафи таҳқиқоти мазкур таҳлилу баррасии вижагӣ ва омилҳои сермаъноии истилоҳоти интернетӣ, хусусияти фарққунандаи истилоҳот аз дигар воҳиди луғавӣ дониста мешавад.

Навгонии таҳқиқот дар он дида мешавад, ки диссертатсияи мазкур аввалин маротиба сабабҳои таҳаввулоти маънои истилоҳоти интернетиро муайян намуда, инчунин бо мисолҳо ҳолатҳои гуногуни таҳаввулоти маънoро асоснок менамояд ва ҳамзамон роҳҳои риоят ва ҳифзи маъноии устувори истилоҳотро мушаххас менамояд. Метавон қайд намуд, ки дар таҳқиқоти мазкур аввалин маротиба ҷанбаҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасии ҳаматарафа қарор дода шуда, вижагиҳои дигари маъноӣ чун падидаҳои ғайриимкони истилоҳот таҳқиқ гардидаанд. Хусусияти дигари навгонии кор, ки аз дигар пажӯҳишҳо фарқ мекунад, дар замимаи диссертатсия метавон дид, ки истилоҳоти интернетӣ бори аввал ба категорияҳои касбиву соҳавӣ ва

мавзӯиву маъноии интернет дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ тасниф карда шудаанд.

Арзиши назарии таҳқиқот аз он бармеояд, ки диссертатсияи мазкур метавонад аз ҷиҳати ҷанбаҳои назарӣ барои муқоисаи истилоҳоти технологияи иттилоотии минбаъда заминаи асосии назарӣ ва консептуалӣ бошад. Хусусиятҳои назарӣ ва низоми истилоҳшиносие, ки дар таҳқиқоти мазкур нишон дода шудааст, дар рисолаҳои минбаъда метавонад барои таҳқиқоти муқоисавию таърихӣ, муқобалаӣ ва типологии истилоҳот ба сифати заминаи методологӣ хизмат намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои як қатор масъалаҳои забоншиносӣ, махсусан забошиносии муқоисавӣ, истилоҳшиносӣ, забоншиносии компютерӣ, махсусан истилоҳоти интернетӣ ва технологияи иттилоотӣ ҳамчун заминаи илмию назарӣ муаррифӣ гардида, бахри таҳқиқоти минбаъдаи истилоҳоти гуногуни риштаҳои марбут ба технологияи иттилоотӣ ҳамчун манбаи илмӣ истифода мешавад.

Арзиш ва моҳияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҷриба барои омӯзиши истилоҳоти интернетӣ на танҳо ба мутахассисони соҳа, балки ба тамоми мардум дар раванди истифодабарии шабакаҳои интернетӣ маводи ёрирасон бошанд. Натиҷаҳои бадастомада, инчунин метавонанд ба тарҷумонҳо барои беҳтар намудани сифати кору фаъолияташон мусоидат намоянд, зеро дар диссертатсияи мазкур роҳу усулҳои тарҷумаи истилоҳоти интернетӣ ба таври васеъ нишон дода шудааст. Маводи назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкур дар раванди таълим дар мактабҳои олии филологӣ ҳангоми гузаронидани лексияҳо, семинарҳо ва курсҳои махсус ҳамчун дастури таълимӣ метавонад хидмат намояд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки рамзу аломатҳои интернетӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ хеле зиёд ба назар расида, аввалин маротиба аз ҷиҳати ихтисоршавӣ зимни истифода тасниф ёфта, муодилҳои тарҷумавии онҳо ба забони тоҷикӣ муайян ва мувофиқ карда шудаанд. Аз таҳлили маъноӣ, аввалин маротиба сабабҳои пайдоиши ҳолатҳои сермаъноӣ, синонимҳо, антонимҳо, омонимҳо ва маҷоз дар низоми истилоҳоти интернетӣ муайян ва ба таври амиқу густарда таҳлилу баррасӣ гардид. Тамоми истилоҳоти дар асоси фарҳангҳои луғати дузабона ва тафсирӣ, аз ҷумла фарҳангҳои этимологӣ, энсиклопедӣ, забоншиносӣ, фарҳангҳои истилоҳоти интернетӣ ва амсоли ин муқоиса карда шуда, ҳамгунӣ ва фарқияти ҷудогонаи онҳо нишон дода шудааст.

Хулосаву бардоштҳои илмии диссертатсия метавонад дар улуми забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ, тарҷумашиносӣ, назария ва амалияи тарҷума, матншиносӣ ва адабиётшиносӣ барои анҷоми корҳои таҳқиқотӣ, аз ҷумла дар тарҷумаи осори мансур ва манзуми бадеӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамчунин маводи рисоларо барои таълифи китобҳои дарсии академӣ ва донишгоҳии назарияи тарҷума, забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, назарияи грамматика, тарҷумаи назарӣ ва амалӣ, хоса грамматикаи муқоисавӣ, морфология ва синтаксиси забони англисӣ, грамматикаи забони

тоҷикӣ, рисолаҳои илмии марбут ба масоили забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, сабкшиносӣ ва амсоли ин истифода бурдан мумкин аст.

Бо ҳамин тартиб унвонҷӯй дар самти таҳқиқоти худ муваффақона ба ҳадафи илмии худ расидааст, ки он омӯзиш ва баррасии вижагиҳои сохториву маъноии истилоҳоти интернетӣ дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аст.

Дар ин замина диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторивӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст, ба талабот ҷавобгӯй буда, унвонҷӯй сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аст.

Роҳбари илмӣ:
Ректори Филиали Донишкадаи рушди
менеҷменти Сингапур дар шаҳри
Душанбе, доктори илмҳои филология
______________ Мухторов Зайнидин Мухторович

**18.04.2022.**
734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33
mukhtorov67@gmail.com
(992) 907801822